Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)**

Давраи муосири рушду инкишофи муносибатҳои бозорӣ татбиқи муносибатҳои нави иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатиро пешбинӣ менамояд. Ташаккул ва такмили низоми ҳавасмандгардонии истифодаи иқтидори меҳнатӣ, ин раванди мураккаб ва дарозмӯҳлат мебошад, ки дар ҳар кадом соҳа хусусиятҳои хоси худро дошта метавонад, аз он ҷумла дар соҳаи сайёҳӣ.

Бинобар ин, имрӯз зарурат ба миён омадааст, ки субъектони соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ дар баробари пешгузории манфиатҳои худ, бояд ба манфиатҳои коргарон низ диққати аввалиндараҷа диҳанд. Дар шароити муосир самаранокии низом ва механизми ҳавасмандгардонии истифодаи иқтидори меҳнатӣ, ҳамчун шакли асосии татбиқи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва омили рушди фаъолияти субъектони соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ баромад мекунад, ки истифодабарии усулҳои такмилдодашудаи менеҷментро дар ин самт талаб менамояд.

Такмили муносибатҳои меҳнатӣ ва механизми идораи самараноки ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ, бояд риояи оқилона ва одилонаи манфиатҳои иқтисодии корфармою кормандро таъмин карда тавонад. Бо дарназардошти ин нуктаҳо ва дигар нишондиҳандаҳои тавсифдиҳанда, омӯзиши масоили вобаста ба такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон, муҳимияти бештарро ба худ касб кардааст.

Аз ин рӯ, қайд кардан зарур аст, ки аз рӯи автореферат, назари муаллиф дар иртибот ба зарурати такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон хеле назаррас зоҳир ва равшан сохта шудааст. Таъкид карда шудааст, ки дар асоси такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳӣ субъектони соҳа метавонанд тавассути беҳтар кардани шароити меҳнатӣ, вазъи иҷтимоии кормандон, баландбардории музди меҳнати онҳо ба мақсадҳои асоси фаъолияти худ хубтару самараноктар ноил гарданд.

Вобаста ба ин ва дигар бартариятҳои автореферати диссертатсияи муаллиф ҳаминро қайд намудан мумкин аст, ки муаллиф бо назардошти ҷой доштани мушкилоти мавҷудаи соҳа дар кишвар ва минтақаҳои он мавзуи мазкурро дуруст интихоб намуда, дар иҷрои мақсад ва ҳадафҳои гузоштащуда комилан мувафақ шудааст.

Шиносоӣ бо мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки унвонҷӯ дорандаи дониши васеи назариявӣ ва амалӣ буда, объект ва предмети таҳқиқот, ҷиҳатҳои илмӣ-амалии мавзуро ниҳоят муфассал нишон додааст. Дониши мукаммали назарявӣ ва таҳлили маводҳои амалӣ ба тадқиқотчӣ имконият додааст, ки дар автореферат ба таври мухтасар аз нуқтаи назари илмӣ асоснок хулосабарорӣ намуда, таклифу нешниҳодҳои заруриро бо эътимод тавсия намояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ироа гардидаанд.

Дар баробари бартариятҳои зиёди афтореферати диссертатсия баъзе тавсияҳоеро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Хуб мешуд дар автореферат вобаста ба ташаббусҳои инноватсионии мутахассисони соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо дар шароити муосир таҳил ё маълумоти мухтасар пешниҳод карда мешуд;

2. Барои боз ҳам мукаммал гаштани автореферат, хуб мешуд муаллиф модели механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатиро дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон пешниҳод менамуд.

Пешниҳодҳои мо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва самаранокии рисолаи илмии анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Новобаста аз ин, қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30.06.2021, № 267 қабул гардидааст ҷавобгӯ буда, Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Тақриздиҳанда:
д.и.и, дотсент, ноиби ректор
оид ба робитаҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Сафаров Б.Г.

Имзои Сафаров Б.Г.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.

Суроға: н. Сино, ш. Душанбе, 734067,
кӯчаи Нахимов, 64/14
Телефон: 231-08-43

«19» __12__ 2024с.